**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.05.2026, №83**

Барои сазовор донистани Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад (Тохтаров Искандар Холаҳмадович), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 16 марти соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №106 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, 23-юми феврали соли 1997 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар давраи иҷрои кори диссертатсионӣ Холаҳмадзода И.Х. унвонҷӯйи кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар Донишгоҳи давлатии Данғара маҳсуб меёфт. Соли 2020 мавсуф Донишгоҳи давлатии Данғараро бо гирифтани касби иқтисодчӣ-барномасоз-муҳандис хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 31 августи соли 2020 №01 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Каримов Баҳодур Ҳасанович** – д.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**- Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Аҳадов Исматилло Қаюмович** – номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент Комилзода Низомиддин Бегмамад таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарз баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №9, аз 28.04.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафарзода М.В. санаи 28.04.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

***Интишорот дар нашрияҳои тақризшаванда:***

[1-М]. Тохтаров, И.Х. Низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - № 4-2 (44). – С. 258-264

[2-М]. Тохтаров, И.Х. Дастгирии давлатии қарздиҳии кишоварзӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, И.Х. Тохтаров // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - № 12. – С. 139-148

[3-М]. Тохтаров, И.Х. Қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - № 3 (53). – с. 372-378

[4-М]. Тохтаров, И.Х. Мушкилоти қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] / И.Х. Тохтаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - № 4-2 (43). – С. 272-278

***Дар дигар нашрияҳо:***

[5-М]. Тохтаров, И.Х. Таҳлили қарздиҳии имтиёзноки бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – 275 с., с. 178-182

[6-М]. Тохтаров, И.Х. Хусусиятҳои механизми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ [Матн] / И.Х. Тохтаров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (Кӯлоб). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2023. – С. 133-137

[7-М]. Тохтаров, И.Х. Особенности формирования системы льготного кредитования предприятий аграрного сектора Республики Таджикистан [Текст] / Б.Х. Каримов, И.Х. Тохтаров // Вопросы управления и экономики: современное состояние актуальных проблем. Сборник статей по материалам LXVIII Международной научно-практической конференции (Москва, 10 февраля 2023 года). – Москва: ООО «Интернаука», 2023. – С. 17-25

[8-М]. Тохтаров, И.Х. Необходимость льготного кредитования сельскохозяйственных предприятий в условиях финансовой нестабильности [Текст] / И.Х. Тохтаров // Экономика, менеджмент, финансы: актуальные вопросы теории и практики. Сборник статей IV Международной научно-практической конференции (Пенза, 30 июня 2024 года). – Пенза: Наука и просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2024. – С. 50-53

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**Тақриз аз Собирзода Ш.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** бо чунин эродҳо:

1. Аксарияти ҷадвалҳои таҳлили дар автореферат ҷой до да шуда,нисбати соли гузашта таҳлилҳои қиёсӣ нашуда аст.

2. Муаллиф дар боби дуюм, навгонии сеюм зикр мекунад, ки таҷрибаи хориҷиро омӯхта, имконияти мутобиқсозии онро ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кардааст. Аммо, дар автореферат мисолҳои мушаххаси мутобиқсозӣ (масалан, кадом воситаҳо, кадом усулҳо ва ба кадом корхонаҳо) оварда нашудаанд.

**Тақриз аз Досиев М.Н. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар ҷадвали 4 – меъёри фоизи карзҳои бонкиро таҳлил кардаст, аммо бисёр ба маврид мебуд сабабҳои баланди фоизи қарзиро илман асоснок мекард.

2. Дар боби сеюми автореферати диссертатсионӣ хуб мешуд, ягон матриса ва ё модели консептуалӣ оиди самтҳои рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ таҳия мекард.

**Тақриз аз Сафаров М.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва омори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Назари муаллиф роҷеъ ба ҷанбаҳои назариявии қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳо кам дида мешавад.

2. Маълумот дар бораи фаъолияти бонкҳое, ки бештар ба самти корхонаҳои кишоварзӣ қарзҳоро пешниҳод мекунанд, ба таври васеъ оварда нашудааст.

3. Дар автореферат баъзе хатогиҳои мантиқию услубӣ ва техникӣ мушоҳида карда намешавад.

**Тақриз аз Акимов С.М. – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи идораи молияи Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Дар боби 3-юм, новобаста аз параграфҳояш як ё ду ҷадвал оиди ояндабинӣ («прогнозные расчеты») таҳия карда мешуд, ба манфиати кор мебуд;

2. Хулосаи авторефрати диссертатсия аз таҳлили гузаронидашуда ва натиҷаҳои таҳқиқот бароварда мешуд боз ҳам автореферати диссертатся сифати хуб мегардид.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- консепсияи** марказии тадқиқот аз он иборат аст, ки таъмини амнияти озуқаворӣ ва таҷдиди сохтори низомҳои истеҳсолии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити хавфҳои баланди соҳавӣ ва зарароварии молиявии корхонаҳо тавассути гузариш аз маблағгузории суннатии бозорӣ ба низоми муназзами қарздиҳии имтиёзнок имконпазир мебошад, ки он ба равиши такрористеҳсолӣ ва механизми ҳамкории сеҷонибаи давлат, муассисаҳои молиявӣ ва субъектҳои аграрӣ асос ёфта, устувории соҳаро на бо роҳи дотатсияҳои мустақим, балки тавассути ташкили фондҳои махсуси қарзӣ, тарҳҳои кафолат, субсидиякунонии меъёри фоизҳо ва барномаҳои лизингӣ бо мақсади коҳиш додани хавфҳои бонкӣ ва таъмини дастрасии деҳқонон ба сармояи дарозмуҳлати инноватсионӣ муҳайё месозад.

**- исбот шудааст**, ки 1) Маблағҳои аз буҷети давлатӣ ҷудошуда барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ нокифоя буда, самаранокии воқеии онҳо паст аст ва ин вазъият асосан аз истифодаи нодурусти захираҳои молиявӣ аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ бармеояд; 2) Бонкҳои тиҷоратӣ тавассути барномаҳои қарзӣ бо иштироки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ба соҳаи кишоварзӣ қарзҳои махсус медиҳанд, ки ба қавле «имтиёзнок» ном доранд, вале дар асл имтиёзнок нестанд; 3) Корхонаҳои кишоварзӣ асосан барои қарзҳои кӯтоҳмуҳлат муроҷиат мекунанд, гарчанде ки онҳо ба қарзҳои дарозмуддат ниёзи бештар доранд; 4) Мушкилоти дигари ҷиддӣ меъёрҳои баланди фоизӣ барои қарзҳои бонкӣ буда, бонкҳо ба корхонаҳо, аз ҷумла ба корхонаҳои кишоварзӣ, бо меъёрҳои баланди фоизӣ қарз медиҳанд ва ҳатто фоизҳои қарзҳо бо меъёрҳои 19-21% солона, ки имтиёзнок ҳисобида мешаванд, аз меъёрҳои миёнаи фоизии низоми бонкии мамлакат (18,45-26,85%) фарқи назаррас надоранд;

**- роҳҳои** рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ таҳия карда шуда, тадбирҳои амалӣ ҷиҳати роҳандозӣ намудани он пешниҳод карда шудаанд: а) Иваз кардани таҷҳизоти кӯҳнашуда бо технологияҳои муосир ва камхарҷ, инчунин кам кардани фосилаи байни талабот ва дастрасӣ ба техника; в) Яке аз роҳҳои беҳтар кардани инфрасохтори техникӣ додани қарзҳои дарозмуҳлат ва имтиёзнок барои хариди техника, сохтмони анборҳо ва сардхонаҳо, инчунин барқарорсозӣ ва нигоҳдории заминҳои кишоварзӣ мебошад; г) Исбот шудааст, ки норасоии техника ягона мушкилот набуда, маҳдудияти захираҳои молиявӣ барои корхонаҳо монеаи ҷиддӣ мебошанд ва дар ин ҳолат, қарзҳои имтиёзноки бонкӣ дар якҷоягӣ бо дастгирии давлатӣ беҳтарин роҳи рушди устувори кишоварзӣ дар мамлакат мебошанд.

***- тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** *а)* рушди низоми қарздиҳии имтиёзнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзёбии монеаҳои институтсионалӣ ва молиявии ошкоршуда дар қарздиҳии дарозмуҳлат ва дастрас ба корхонаҳои кишоварзӣ; б) имконияти истифодабарии амалияҳои муваффақи

хориҷии қарздиҳии имтиёзнок, ба монанди субсидиякунонии меъёрҳои фоиз, кафолатҳои давлатӣ ва ниҳодҳои бозтамвил бо тавсияҳо оид ба корбурди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; в) тадбирҳои амалӣ барои таъсиси низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ, аз ҷумла фондҳои махсуси қарзӣ, механизмҳои ҷуброни меъёри фоизҳо ва расмиёти пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок бо дастгирии давлатӣ.

***- омилҳои асосии монеъшавандаи рушди қарздиҳии кишоварзӣ ошкор гардидаанд:*** вобастагии баланди истеҳсолот аз шароити табиию иқлимӣ ва хавфҳои баланди агроиқлимӣ, даври нисбатан тӯлонӣ ва мавсимии парвариши зироат ва чорво, кафолат надоштани даромаднокии баланд дар соҳа ва мавҷудияти шумораи зиёди корхонаҳои зараровар, норасоии доимии маблағҳои худӣ барои таҳкими пойгоҳи техникӣ ва воситаҳои гардон, осебпазирии баланди корхонаҳои кишоварзӣ дар дастрасӣ ба сармояи ҷалбшаванда, маҳдуд будани самаранокии механизмҳои бозорӣ дар шароити хавфи баланд, омода набудани бонкҳои тиҷоратӣ барои таваккал кардан ва пешниҳоди маблағҳои дарозмуҳлат, мушкилоти ҷиддӣ дар раванди муроҷиат ва гирифтани қарзи бонкӣ нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёт, инчунин нокифоя будани ҷойгоҳи механизмҳои имтиёзноки ниҳодӣ ва дастгирии молиявии давлатӣ дар сиёсати қарзии кунунии кишвар.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволӣ давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкдорӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба қарзҳои имтиёзнок ба таври васеъ истифода шудаанд.

***- исбот шудааст,*** ки таҳқиқи вазъи муосир ва хусусиятҳои амалкарди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор кардани мушкилоти асосӣ ва арзёбии самаранокии механизмҳои мавҷудаи қарздиҳии кишоварзӣ.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

***- ғояи*** ташаккули низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ бо ҷалби дастгирии молиявии давлатӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ роҳи нисбатан муносиби рушди иқтисодии соҳаи кишоварзӣ буда, ба таҳкими рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши некуаҳволии аҳолии мамлакат ва рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

***- самтҳои*** тадбирҳои амалӣ барои таъсиси низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ, аз ҷумла фондҳои махсуси қарзӣ, механизмҳои ҷуброни меъёри фоизҳо ва расмиёти пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок бо дастгирии давлатӣ.

***- омӯхта шудаанд:*** ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии қарздиҳии кишоварзӣ ҳамчун шакли махсуси муносибатҳои молиявӣ, аз ҷумла ҳадафҳо, принсипҳо, иштирокчиён ва намудҳои он. Татбиқшавандагии равиши такрористеҳсол дар қарздиҳии кишоварзӣ;

- ***методикаи*** умумияти илмӣ, таърихӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, умумисозӣ, ҷамъбасткунӣ, таҳияи хулосаҳои мантиқӣ, моделсозӣ ва пешниҳоди гипотеза ва усулҳои ташхис гузаронида шуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои “Молия ва қарз”, “Пул, қарз, бонк”, “Маблағгузории хурд”, “Фаъолияти бонкӣ” ва ғайраҳо дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара мавриди истифода қарор гирифтаанд **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 11.03.2025 таҳти №39**). Ҳамзамон, тавсияҳои асосноки муаллиф дар амалия, дар фаъолияти филиали КВД БА ҶТ “Амонатбонк” дар н. Данғара **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 06.03.2025 №139-08**) ва дар фаъолияти филиали ҶСК “Ориёнбонк” дар н. Данғара **(санади татбиқи натиҷаҳо аз 13.02.2025 №04/09**) мавриди истифода қарор гирифтаанд.

***- консепсияҳои*** ҳамгироии низоми миллии қарздиҳии кишоварзӣ бо низомҳои ҷаҳонии қарздиҳии имтиёзнок арзёбӣ карда шуда, роҳҳои татбиқи амалияҳои пешқадами ҷаҳонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд**.**

**-** ***стратегияи*** истифодабарии амалияҳои муваффақи хориҷии қарздиҳии имтиёзнок, ба монанди субсидиякунонии меъёрҳои фоиз, кафолатҳои давлатӣ ва ниҳодҳои бозтамвил бо тавсияҳо оид ба корбурди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***- исбот шудааст:*** афзоиши пешниҳоди захираҳои қарзӣ, ки дар давраҳои муайян мушоҳида мешавад, талаботи соҳаи кишоварзиро ба маблағҳои қарзӣ тасдиқ мекунад, аммо набудани тамоюли устувор нишон медиҳад, ки воситаҳои молиявӣ ба амсилаи ягонаи миллии рушди кишоварзӣ ҳамгиро карда нашудаанд. Аз нигоҳи методологӣ, ин аз набудани заминаҳои институтсионалӣ шаҳодат медиҳад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи рақобатпазирии бонкҳои тиҷорати бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, нақши давлат дар рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ, ҳавасмандгардонии давлатии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти

таъмини фаъолияти густурда ва самараноки фаъолияти сармоягузорро дар кишвар фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи роҳҳои баланд бардоштани нақши давлат дар маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ таҳия ва чунин **пешниҳодҳо ироа шудаанд**: 1) Таҳияи стратегияи дақиқи сармоягузорӣ, банақшагирии бодиққати стратегӣ барои рушди ояндаи фаъолияти сармоягузорӣ; 2). Рушди низоми таълим ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, фаъолияти густурда бо сармоягузорони хориҷӣ тавассути ташкили шарикӣ, таблиғи фаъоли имкониятҳои сармоягузорӣ; 3). Пешгирии таъсири хавфҳои муосир, ташаккули иқтисоди сабз, суръатбахшии раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт ва инкишофи неруи инсонӣ; 4). Истифодаи оқилонаи манбаъҳои сармоягузорӣ ва равона кардани маблағгузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодӣ барои гуногунранг кардани бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла бахши воқеӣ.

***- усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” мавҷуд аст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии равандҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ ифода меёбад; 2) Аз ҷониби муаллиф таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо таҳқиқ ва муҳтавои иқтисодии мафҳуми қарзи кишоварзӣ аниқ карда шудааст, зарурати корбурди қарзи имтиёзноки кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуда, самтҳои рушди он муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асоснокунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 8 мақола, аз он ҷумла 4-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 9.1, 9.2, 9.3 ва 9.7-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 29.05.2026 қарори сазовор донистани Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 6 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок доштанд. Аз 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ. Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф. К.**

**29 майи соли 2026**